

*Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتىّ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7****, саҳ*. ***122****; Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2****, саҳ*. ***432****; Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***14, 17, 26, 59****, ҷилди* ***4****, саҳ*. ***366, 371****, ҷилди* ***5****, саҳ*. ***182****, Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3****, саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати шашум**
**Зиндагии пешвои чаҳорум ҳазрати**
**Имом Саҷҷод (а)**

**Муаллиф:**
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим:**
**Заррintoҷ**

**Ношир**
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**

نام کتاب: پیشوای چهارم حضرت امام سجاد (ع)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии пешвои чаҳорум Имом Саҷҷод)
**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»
**Мутарҷим**: Заррintoҷ
**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума
**Адади нашр**: 3000
**Навбати чоп**: Аввал
**Таърихи чоп**: соли 2008
**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»
**Чопхона**: Исроъ
ISBN: 978-964-529-209-4
www.ahlul-bayt.org
info@ahlul-bayt.org
**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посуххо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари



ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин мубориза боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Пешвои чаҳорум ҳазрати Имом Саҷҷод (а)

***“...Шабҳо барои бенавоён ва ниёзмандон нoшинохте нон мебурд. Вақте аз дунё гузашт фаҳмиданд, ки он ношиноси ноновар ҳазрати Алӣ ибни Ҳусайн – Имом Саҷҷод(а) будааст...”.***

## Валодат

Номи он громӣ Алӣ ва машҳуртарин лақабашон “Зайнулобидин” ва “Саҷҷод” мебошад. Имом Саҷҷод дар нимаи моҳи ҷимодиюлаввали соли сию ҳашти ҳиҷрӣ дар Мадина чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Сарвари шаҳидон ҳазрати Имом Ҳусайн(а) падари ӯ ва Шаҳрибону модари гиромии эшон мебошанд.

### Хусусиятҳои ахлоқӣ

Яке аз наздикони Имом Саҷҷод(а) дар ҳузури ҷамъе аз мардум ба он громӣ носазо гуфт ва рафт. Имом ба ҳозирон фармуд: суханони ӯро ҳамаи шумо шунидед, акнун мехоҳам ҳамроҳи ман биёед, то посухи маро бишнавед.

Гуфтанд: ҳамроҳи шумо наздаш меравем ва чи басо хуб мешуд агар он бадгӯӣ мекард ва мо ҳамроҳи шумо ҷавобашро мегардондем.

Имом бо онон ба сӯи хонаи он носазогӯ рафт ва дар роҳ ин ояти қуръониро, ки сифатҳои олии



бархе аз мӯъминонро шарҳ медиҳад, қироат фармуд:

**«...Вал козиминал ғайза вал ъофина ъанин носи валлоҳу муҳиббул муҳсинин».**[1]

***...Ва фурӯбарандагони хашм ва гузашткунандагон аз мардум ва Худованд некӯкоронро дӯст медорад.***

Ҳамроҳон, ки дар аввал гумони дигаре доштанд, дарёфтанд, ки Имом (а) барои қасдгирӣ намеравад.

Вақте ба хонаи он мард расиданд Имом (а) фармуд: “Ба ӯ гӯед, ки Алӣ ибни Ҳусайн омадааст”. Мард ба гумони он, ки Имом Саҷҷод(а) барои интиқом омадаанд, бо ситеза ва асабоният аз манзилаш берун омад. Имом вақте ӯро диданд оромона фармуданд: “Бародарам! Ту чанд дақиқа пештар назди ман омадӣ ва суханҳое гуфтӣ. Агарончи гуфтӣ дар ман ҳаст, аз Худо мехоҳам маро биёмурзад..., ва агар онҳо дар ман нест, аз Худо мехоҳам туро биёмурзад”.

Оромӣ ва нармии Имом мардро шарманда сохт. Ӯ пеш омад ва пешонии Имомро бӯсид ва гуфт: “Он чи гуфтам дар шумо набуд ва эътироф мекунам, ки худ ба он чи гуфтам сазовортарам”.[2]

Имом Содиқ(а) мефармоянд: “Дар Мадина баттоле ба номи “Далқак” буд, ки бо корҳои худ

---

[1] Сураи “Оли Имрон”, ояти134

[2] “Иршод”-и Шайх Муфид, саҳ.260, чопи Охундӣ

мардумро механдонид, вале худаш мегуфт, ки то кунун натавонистаам Алӣ ибни Ҳусайнро бихандонам.

Рӯзе ҳангоми гузаштани Имом(а) абои (либоси дарозе, ки аз рӯи либосҳо мепӯшанд) он ҳазратро аз дӯши ӯ бардошт ва рафт. Имом(а) ба кирдори бади ӯ аҳамияте надод. Ҳамроҳони Имом аборо гирифта оварданд. Имом(а) пурсид:

- Ӯ кӣ буд?

Гуфтанд:

- Далқак аст, ки мардумро механдонад.

Имом фармуд:

- Ба ӯ бигӯед:

**«Инна лиллоҳи явман яхсару фиҳил мубтилун».**

> ***Худоро рӯзе аст, ки дар он рӯз ёвасароён ва беҳудакорон ба зиёни кори худ пай мебаранд”.*** [3]

Зайд ибни Усома дар ҳоли бемории сахт ба бистар афтода буд. Имом Саҷҷод(а) барои дидани ӯ омад. Зайд гирист, он гиромӣ пурсид:

- Аз чӣ гиря мекунӣ?

Гуфт:

- Понздаҳ ҳазор динор қарз дорам ва амволам ба миқдори қарздориам нест.

Фармуд:

[3] “Амолӣ”-и Шайх Садуқ, саҳ. 133



- Гиря макун, қарзи ту ба гардани ман, ҳамаи онро мепардозам. Ҳамчуноне ки фармуда буданд, пардохтанд.[4]

Имом Саҷҷод (а) шабҳо барои бенавоён ва ниёзмандони Мадина ношинохта нон мебурд ва ба онҳо кӯмаки молӣ мекард. Вақте даргузашт фаҳмиданд, ки он ношиноси ноновар ҳазрати Алӣ ибни Ҳусайн Имом Саҷҷод (а) будааст. Пас аз вафоти Имом(а) маълум шуд, ки ӯ сад хонаводаи мустаманди Мадинаро пайваста идора мекардааст ва онҳо намедонистаанд, ки идоракунандаи зиндагиашон Алӣ ибни Ҳусайн(а) аст.[5]

Яке аз фарзандони хоҳари Имом Саҷҷод(а) мегӯяд:

> ***“Модарам ҳамеша ба ман супориш мекард, ки бо тағоиям Алӣ ибни Ҳусайн гуфтугӯ ва муоширát дошта бошам. Ҳеҷ гоҳ ба хизмати он ҳазрат нарасидам, магар он ки аз маҳзари ӯ баҳраманд бархостам; гоҳе аз мушоҳидаи бим ва тавозӯи ӯ дар пешгоҳи Худо, бим ва тавозӯи қалбӣ меёфтам ва гоҳе ҳам аз дониши бекарони ӯ баҳраманд мешудам”.*** [6]

[4] “Иршод”-и Муфид, саҳ.242

[5] “Тазкиратулхавос”-и Ибни Ҷавзӣ саҳ.184

[6] “Иршод”-и Муфид, саҳ.238

Имом Боқир (а) мефармоянд:

> ***“Падарам ба ҳангоми намоз ҳамчун ғуломи афтодае буд, ки дар пешгоҳи подшоҳи бузурге рост истода аст. Аз бими Худо меларзид ва рангаш дигаргун мешуд ва намозашро чунон ба ҷо меоварду ки гӯё охирин намози ӯ бошад...”***[7]

**Азамати Имом Саҷҷод (а)**

Ҳишом фарзанди Абдулмалики Умавӣ дар айёми маросими ҳаҷ ба Макка омада буд. Ҳангоми тавоф анбӯҳи ҷамъият чунон бисёр буд, ки Ҳишом ба “Ҳаҷаруласвад” дастрасӣ наёфт. Ночор барои интизор дар каноре нишаст, то анбӯҳи мардум тавоф кунанд. Дар ин ҳангом Имом Зайнулобидин[(а)] ба Масҷидулҳаром омад ва ба тавоф пардохт. Мардумон бо дидани Имом[(а)] ба ӯ роҳ доданд ва он гиромӣ ба осудагӣ ба “Ҳаҷаруласвад” наздик шуд ва ба вай даст расонд ва ба лабонаш онро ламс намуд. Ҳишом аз дидори Имом[(а)] ва эҳтироме, ки мардум ба ӯ менамуданд сахт нороҳат шуд. Як тан аз шомиён аз Ҳишом пурсид:

- Ин мард кист, ки мардумон инчунин ӯро бузург медоранд?

[7] “Хисол”-и Шайх Садуқ, саҳ.517



Ҳишом аз бими он, ки мабодо шомиён ба он ҳазрат моил шаванд ва ба ӯ рӯй оваранд гуфт: "Ӯро намешиносам".

Фараздақ, ки шоири маъруф ва озодае буд, дар он ҳангом ҳузур дошт. Ӯ бо баробари шунидани сухани Ҳишом ба по хест ва чунин гуфт: "Ман ӯро мешиносам" ва қасидаи зебо ва тӯлоние дар мадҳи Имом (а) суруд.

Ашъори Фараздақ дар мадҳи имом чунон шево ва гӯё буд, ки Ҳишомро чун ҳайвони захмдида барошуфт. Вай фармон дод, то Фараздақро ба зиндон баранд.

Вақте Имом[(а)] аз зиндонӣ шудани Фараздақ огоҳ шуд, силае[8] барои ӯ фиристод. Фараздақ бо ихлос дирамҳоро баргардонд ва паём дод, ки ман ин ашъорро ба хотири Худо ва Паёмбар[(с)] сурудам. Имом[(а)] ихлос ва садоқати ӯро тасдиқ фармуд ва пулро бори дуввум барои Фараздақ фиристод. Имом[(а)] Фараздақро савганд дод, ки силаро бипазирад ва аҷри охираташ низ маҳфуз хоҳад буд. Ҳазрат фармуд:

> ***“Ба ӯ бигӯед, ки мо аз оли некӣ ва эҳсонем ва он чи ато кунем бозпас нагирем...”.***

Фараздақ силаро пазируфт ва шодхотир гашт.[9]

[8] Сила: ҷоиза ва пуле аст, ки бузургон дар баробари мадҳ ба шоирон медоданд.

[9] “Амолӣ”-и Сайид Муртазо, ҷ.1 саҳ.69. Тарҷумаи қасидаи Фараздақ дар поёни ин китоб оварда шудааст.

**Имом мусулмононро бедор мекунад**

Бешак, ба асирӣ рафтани аҳли байти Имом Ҳусайн[а] дар ба самар расонидани қиёми муқаддаси он ҳазрат нақши бисёр муассире доштааст. Агар онон дар ин сафари асорат бо камоли бурдборӣ ва шаҳомат фоҷиаи Карбалоро барои мардум бозгӯ намекарданд ва мардум аз наздик онҳоро намедиданд, ҳаргиз шаҳодати Имом Ҳусайн то ин андоза шӯҳрат пайдо намекард ва Бани Умайя, бахусус Язид расвою шарманда намешуданд.

Хонадони Имом Ҳусайн[а] бар хилофи соири асирон ва бар хилофи тасаввури бештари мардуми он рӯзгор, ки онҳоро шикастхӯрда мепиндоштанд, ба ҳар ҷо мерафтанд аз пирӯзии худ ва шикасти душман сухан мегуфтанд. Онон худро пирӯзу сарафроз ва язидиёнро бадбахту шикастхӯрда муаррифӣ мекарданд.

Дар миёни бозмондагони фоҷиаи Карбало пеш аз ҳама имоми гиромӣ Зайнулобидин ва бонуи бузург Зайнаби Кубро (а) дар бедор сохтани мардумон муассир буданд.

Имом Саҷҷод[а] бо он ки ҳангоми шаҳодати падараш бемор буд, (табиӣ аст, ки то якчанд муддат осори он бемори дар андоми он ҳазрат боқӣ будааст) аз шаҳодати падар, бародарон ва ёрон дили ғамдидаю андӯҳгин дошт. Дар айни ҳол ин ранҷҳо монеи анҷоми вазифаи ӯ нашуд ва



аз ҳар фурсате барои равшан сохтани афкори мардум истифода кард.

Дар Кӯфа ҳангоме ки мардум аз шунидани хутбаҳои оташини ҳазрати Зайнаб ва хоҳараш Фотимаи Суғро шармгин шуда буданд ва ба гиряю нола пардохтанд, Имом[а] ба онҳо ишораи сокит шуданро кард. Онҳо ҳамагӣ сокит мондан ва он гиромӣ пас аз санои илоҳӣ ва дуруд бар Паёмбар[с] фармуд:

> ***“Эй мардум... Ман Алӣ – фарзанди Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ҳастам. Ман фарзанди онам, ки амволашро ғорат кардаанд ва хонадонашро ба асорат ба ин ҷо овардаанд. Ман фарзанди онам, ки ӯро дар канори дарёи Фурот куштанд, бе он ки хуне рехта бошад ё ҳаққе бар гардани ӯ бошад.***
>
> ***Эй мардум! Ба Худо савгандатон медиҳам, оё медонед, ки шумо ба падарам нома навиштед ва ӯро ба Кӯфа фаро хондед? Вақте ба сӯи шумо омад ӯро куштед.***
>
> ***Эй мардум! Шумо дар рӯзи растохез чӣ гуна бо Паёмбар[с] рӯ ба рӯ хоҳед шуд, он гоҳ ки ба шумо бигӯяд хонадони маро куштед, ҳурмати маро риоят накардед, пас шумоён аз уммати ман нестед?”.***

Суханони Имом[(а)] мисли тӯфон мардуми Кӯфаро барошуфт ва фарёду зорӣ аз гӯшаю канор бархост. Кӯфиён мегиристанд ва якдигарро сарзаниш мекарданд, ки ҳалоку бадбахт шудаед ва худ намедонед.[10]

Ба ин тартиб Имом (а) виҷдонҳои хуфтаро барангехт ва азамати фоҷиаи Карбалоро муҷассам сохта кӯфиёнро аз ҷиноятошон огоҳ кард.

Хонадони Имом Ҳусайнро ба кохи Ибни Зиёд бурданд. Вақте ибни Зиёд Имом Соҷҷодро дид, пурсид:

- Ӯ кист?

Гуфтанд:

- Алӣ ибни Ҳусайн аст.

Гуфт:

- Магар Алӣ ибни Ҳусайнро Худо накушт?!

Имом фармуд:

- Бародаре доштам, ки номи ӯ ҳам Алӣ буд, мардум ӯро куштанд.

Ибни Зиёд гуфт:

- Не, Худо ӯро кушт!

Имом фармуд:

**«Аллоҳу ятаваффал анфуса ҳина мавтиҳо валлатӣ лам тамут фӣ маномиҳо».**

[10] “Эҳтиҷоҷ”-и Табарсӣ, саҳ.66, чопи Наҷаф, соли 1356 ҳиҷрии қамарӣ.



***Худованд ҳангоми марг ҷонҳоро мегирад...[11]***

Ибни Зиёд гуфт:

- Ҳанӯз дар баробари ман ҷуръати ҷавобгӯӣ дорӣ? Ӯ бо такаббур ба маъмуронаш дастури қатли Имом (а)-ро дод.

Зайнаби Кубро ба эътироз бархоста гуфт: “Ту ҳеҷ кас аз моро боқӣ нагузоштӣ, агар тасмим ба қатли Алӣ ибни Ҳусайн дорӣ, маро низ ҳамроҳи ӯ бикуш!”.

Имом[(а)] ба ҳазрати Зайнаб фармуд, ки шумо чизе ба ӯ нагӯед ва ман худам бо ӯ сӯҳбат мекунам. Ҳазрат рӯ ба писари Зиёд кард ва гуфт:

> ***“Эй писари Зиёд! Оё маро ба куштан таҳдид мекунӣ ва метарсонӣ? Магар намедонӣ, ки кушташудан одати мо ва шаҳодат кароматии мост...”.[12]***

**Дар Шом**

Дар Шом Имом (а)-ро дар ҳоле ки бо чанд тани дигар аз хонадон ба як ресмон баста буданд, ба кохи Язид даровардаанд. Имом бо шаҳомат ва далерӣ ба Язид рӯ оварду гуфт:

**«Мо заннука бирасуллиллоҳи лав раоно мувассақина фил ҳиболи...».**

[11] Сураи “Зумар”, Ояти 42

[12] “Луҳуф”-и Ибни Товус, саҳ.144

***Эй Язид! Чӣ гумон ба Расули Худо мебарӣ, агар он гиромӣ моро чунин баста дар банд бинад?.***

Ҳамин ҷумлаи кӯтоҳ ва қотеи имом чунон ба ҳозирон таъсир кард, ки ҳамагон ба гиристан пардохтанд.[13]

Яке аз мусулмонон мегӯяд, ки вақте дар Шом будам, асирони Оли Муҳаммад[(с)]–ро оварданд. Ононро дар бозори Шом, назди дари масҷид, - ҳамон ҷое, ки маъмулан соири асиронро нигаҳ медоштанд, боздоштанд. Пирамарде аз шомиён пеш рафту гуфт:

Сипос Худоро, ки шуморо ҳалок кард ва фитнаро хомӯш сохт ва аз ин гуна сухаеҳо бисёр бадгӯӣ кард. Чун суханаш поён ёфт, Имом Зайнулобидин[(а)] ба ӯ фармуд:

Гуфторатро шунидам, он чи аз душманию кина дар дил доштӣ ошкор сохтӣ? Акнун ту низ ҳамчунон, ки ба гуфторат гӯш кардам, суханамро шунав.

Гуфт:

- Бигӯ.

Фармуд:

- Оё Қуръон хондаӣ.

Гуфт:

- Хондаам.

[13] “Тазкиратулхавос”, саҳ.149



Фармуд:

- Оё ин оятро хондаӣ? **”Қул ло асъалукум ъалайҳи аҷран иллал маваддата фил қурбо**[14], **-** ***Бигӯ Эй Паёмбар, ман аз шумо подоше ҷуз дӯстии Аҳли Байт ва хешону бастагонам намехоҳам*”.**

Гуфт:

- Оре хондаам.

Фармуд:

- Аҳли Байт ва хешовандони Пайғамбар моем.

Оё ин оятро хондаӣ:

- **”Оти залқурбо ҳаққаҳу**[15], **-** ***Ҳаққи зилқурборо бидеҳ*”.**

Гуфт:

- Хондаам.

Фармуд:

- Моем Зулқурбо, ки Худо ба паёмбараш фармуд, ки ҳаққи онҳоро бидеҳ.

Гуфт:

- Оё ҳақиқатан онон шумо ҳастед.

Фармуд:

- Оре.

Ва изофа намуд:

- Оё ояти “хумс”-ро нахондаӣ: **“Ваъламу аннамо ғанимтум мин шайъин фаанна лиллоҳи хумусаҳу ва лиррасули ва**

[14] Сураи “Шӯро”, ояти 23

[15] Сураи “Исро”, ояти 26

***лизилқурбо***[16], *- **Бидонед он чи ба даст меовared, панҷяки он аз они Худо ва паёмбару зилқурбо аст.”***

Гуфт:

- Оре, хондаам.

Фармуд:

Мо зилқурбо ҳастем...

Ва низ фармуд:

- Оё ояти “татҳир”-ро хондаӣ: ”**Иннамо юридуллоҳу лиюзҳиба ъанкумур риҷса аҳлал байти ва ютаҳҳиракум татҳиро**[17], - ***Ҳамоно Худованд ирода фармудааст, ки ҳаргуна олудагиро аз шумо Аҳли Байт дур дорад ва покатон созад поксохтанӣ***”.

Пирамард дастҳоро ба сӯи осмон дароз кард ва се бор гуфт:

> ***“Парвардигоро тавба кардам”. Худоё аз душманӣ бо хонадони Паёмбар(с) тавба кардам ва аз кушандагони онон безорам, ман пеш аз ин Қуръонро хонда будам, аммо ин ҳақоиқро намедонистам.***[18]

---

[16] Сураи “Анфол”, ояти 40

[17] Сураи “Аҳзоб”, ояти 33

[18] “Эҳтиҷоҷ”-и Табарсӣ саҳ.167, чопи Наҷаф соли 1350 ҳиҷрии қамарӣ



### Имом дар масҷиди Шом

Рӯзе Язид дар "Масҷиди Ҷомеъ"-и Шом ба яке аз хатибон дастур дод, то ба минбар барояд ва Амири мӯъминон Алӣ(а) ва Имом Ҳусайн(а)-ро ба зиштӣ ёд кунад. Хатиб бар минбар нишаст ва даҳон ба дашном кушод ва аз он ду гиромӣ бисёр бадгӯӣ карда, Язид ва Муовияро ситоиш кард.

Имом Саҷҷод(а) дар масҷид ҳузур дошт ва бо садои баланд фармуд:

- Вой бар ту Эй хатиб! Хушнудии офарида (Язид)-ро ба хашми Офаридгор харидӣ ва ба ин гуна ҷои худро дар дӯзах омода мекунӣ.

Он гоҳ ба Язид рӯ кард ва фармуд:

- Бигзор болои ин чӯбҳо (минбар) биравам ва сухане гӯям, ки Худоро хушнуд созад ва ҳозиронро аҷру савоб бошад.

Язид дар аввал напазируфт ва мардум исрор карданд, то бипазирад, Язид гуфт:

- Агар ӯ ба минбар барояд, ҷуз бо расвоии ман ва хонадони Абӯсуфиён фурӯд нахоҳад омад.

Гуфтанд:

- Магар ӯ чӣ метавонад бигӯяд?

Гуфт:

- Ӯ аз хонадоне аст, ки донишро аз кӯдакӣ бо шир ба эшон хӯрондаанд.

Мардум бештар исрор карданд ва Язид ночор мувофиқат кард. Имом бар минбар қарор

гирифт, Худойро ситоиш кард, бар Паёмбар(с) дуруд фиристод ва фармуд:

***- Сипос Худоеро, ки беибтидост ва зоти ҷовидаш тамомнашаванда аст. Аввале аст беаввал ва охире аст беохир, пас аз нобудии ҳамаи махлуқот ӯ боқию барҷост.***

***Эй мардум!... Худованд ба мо дониш, бурдборӣ, саховат, фасоҳат, далерӣ ва дӯстӣ дар дилҳои мӯъминон ато фармуд... Паёмбари Ислом(с) аз мост, дӯсти ин уммат Амири мӯъминон Алӣ(а) аз мост, Ҷаъфари Тайёр аз мост, Ҳамзаи сайидушшуҳадо аз мост ва Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн - ду набераи Паёмбар(с) аз мо ҳастанд...***

***... Ман фарзанди Маккаю Мино ва фарзанди Замзаму Сафо ҳастам. Ман фарзанди он бузургворе ҳастам, ки "Ҳаҷаруласвад"-ро бо атрофи або бардошт.[19]***

***Ман фарзанди беҳтарин касе ҳастам, ки эҳром баст, тавофу саъй намуд ва ҳаҷ ба ҷо овард.***

[19] Ишора ба достони насби Ҳаҷаруласвад ба дасти Паёмбар(с), 35- сол пеш аз Омулфил.



***Ман фарзанди касе ҳастам, ки дар як шаб аз Масҷидулҳаром ба Масҷиди Ақсо бурда шуд.[20]***

***Ман фарзанди касе ҳастам, ки Худованди бузург ба ӯ ваҳӣ кард.***

***Ман фарзанди Ҳусайнам, ки дар Карбало кушта шуд.***

***Ман фарзанди Муҳаммади Мустафо ҳастам.***

***Ман фарзанди Фотимаи Заҳроям.***

***Ман фарзанди Хадичаи Кибриёам.***

***Ман фарзанди касе ҳастам, ки ба хуни хеш ғӯтавар шуд...[21]***

(Мардум ҳаяҷонзада ба имом менигаристанд ва Имом (а) бо ҳар ҷумла азамати хонадони худ ва аҳамияти шаҳодати Имом Ҳусайнро бештар ба мардум намоён месохт. Кам-кам чашмҳо дар ашк нишаст, гиряҳо ба оромӣ гулӯгир шуд ва ногаҳон садои гиряи бетобона аз ҳар гӯша бархост) Язид бимнок шуд ва барои сокит кардану пешгирӣ аз идомаи сухани Имом (а) ба муаззин фармон дод, ки азон бигӯяд.

Фарёди муаззиин бархост... **Аллоҳу Акбар**...

Имом ҳамчунон бар минбар буд ва фармуд: **«Аллоҳу акбару ва аъло ва аҷаллу ва акраму миммо ахофу ва аҳзару**, - *Оре, Худо бузургтару*

[20] Ишора ба достони Меъроҷи Паёмбар(с).

[21] "Комил"-и Баҳоӣ, ҷ.2, саҳ. 300

***бартар, ҷалилтару гиромитар аз ҳар чизе аст, ки аз он метарсам».***

**- Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳ**

Имом фармуд:

> ***- Оре, гувоҳӣ медиҳам бо ҳар гувоҳидиҳанда, ки ҳеҷ маъбуде ва парвардигоре ҷуз ӯ нест.***

**- Ашҳаду анна Муҳаммадан расулуллоҳи...**

(Сарҳо ҳама ба зер буд ва мардум андешамандона аз он ва посухи Имом (а)ро гӯш мекарданд, бо шунидани номи Муҳаммад(с) чашмҳо аз замин бархост ва ба сӯи имом баргашт, пардае аз ашк нигоҳҳоро тира мекард..., гӯё дар чеҳраи Имом(а) Паёмбарро меҷустанд...)

Имом салла аз сар баргирифт ва фарёд зад:

- Эй муаззин, ба ҳамин "Муҳаммад" савганд, андаке таваққуф кун... (Муаззин сокит монду мардумон сокиттар, Язид сахт дармонда буд ва рангаш дигаргун, ки аз он низ натавониста буд имомро сокит созад).

Имом ба Язид рӯ кард ва фармуд:

> ***- Эй Язид! Ин Расули азизу гиромӣ ҷадди ман аст ё ҷадди ту? Агар бигӯӣ ҷадди туст ҳама медонанд, ки дурӯғ мегӯӣ ва агар мегӯӣ ҷадди ман аст, чаро падарамро куштию амволашро ба тороҷ додӣ ва хонадонашро ба асирӣ овардӣ?!***
>
> ***... Эй Язид! Бо чунин корҳое Муҳаммадро Паёмбари Худо медонӣ ва рӯ ба қибла меистию намоз мехонӣ? Вой бар ту, ки ҷадду падарам дар қиёмат бо ту дар ситез бошанд.***



Язид ба муаззин дастур дод, ки иқомаи намоз бигӯ, вале мардум сахт нороҳат шуданд ва ҳатто бархе аз онон намоз нахонда аз масҷид берун рафтанд.[22]

Таърих беҳтарин бозгӯкунандаи таъсири хутбаҳо ва суханони Имом (а) дар ин сафар аст. Язид дар Шом қасд дошт, ки Имом Саҷҷодро ба қатл расонад, аммо маҷбур шуд, ки он гиромӣ ва ҳамаи Аҳли Байтро бо эҳтиром ва безаҳмат ба Мадина баргардонад. Чанд вақт тӯл накашид, ки парчамҳои инқилоб ва мухолифат бо режими Умавӣ дар Ироқу Ҳиҷоз ба ҷунбиш даромаданд ва ҳазорҳо мард ба хунхоҳии сарвари шаҳидон Имом Ҳусайн(а) қиём карданд. Бегуфтугӯ асорати хонадони Имом Ҳусайн(а) ва хутбаҳою гуфтугӯҳои онон бо мардум, ба хусус хутбаҳои муассири Имом Саҷҷод(а) дар фурсатҳои гуногун ба анҷом расонандаи ҳадафҳои шаҳодати сарвари шаҳидон Имом Ҳусайн(а) будааст.

### Имоми бемор

Бисёре аз мардуми бехабар ҳангоме, ки номи имоми чаҳорумро мебаранд, лақаби "Бемор"-ро

[22] "Комил"-и Баҳоӣ, ҷ.2, саҳ. 300

ба он меафзоянд. Шояд чунин мепиндоранд, ки он бузургвор ҳамеша ранҷуру бемор будааст ва ба ҳамин ҷиҳат бархе он имоми гиромиро бо чеҳраи зарду рӯҳи афсурда дар зеҳни хеш муҷассам мекунанд.

Аммо воқеият ғайр аз ин аст. Онҳое, ки бо таърихи зиндагонии он гиромӣ ошноӣ доранд, медонанд, ки ҳазрат дар тамоми умр бемор набуда ва фақат муддати кӯтоҳе дар аёми шаҳодати падараш дар Карбало бемор будааст. Дар ҳақиқат Худои бузург ӯро дар он рӯзҳо бо ҳамин васила ҳифз фармуд, то Язидиён аз ӯ даст бардоранд ва бо мондани ӯ риштаи имомат идома ёбад ва ояндаи Ислом ва уммат таъмин гардад.

Инак матни чанд ривоят дар бораи бемории он ҳазрат:

Дар китоби "Иршод"-и Шайх Муфид мехонем:

> ***"Шимр бо гурӯҳе аз сипоҳиён ба сӯи хаймаҳо омад. Алӣ ибни Ҳусайн бемор ва бар бистаре хобида буд".***[23]

Дар "Тазкиратулхавос" чунин омадааст:

> ***"Алӣ ибни Ҳусайнро чун бемор буд, накуштанд".***[24]

Дар китоби "Табақот" омадааст:

[23] "Иршод"-и шайх Муфид, саҳ. 226

[24] "Тазкират-ул хавос", саҳ. 173



"Пас аз шаҳодати Имом Ҳусайн[а] Шимр ба сӯи Алӣ ибни Ҳусайн омад ва ӯ бемор буд. Шимр ба ҳамроҳони худ гуфт, ки ӯро ҳам бикушед, яке аз ҳамроҳон гуфт:

- Субҳоналлоҳ, оё ин ҷавонро бо он ки бемор аст ва дар ҷанг ҳам ширкат накардааст, бикушем?!

Дар ин ҳангом Умари Саъд омад ва гуфт: "Ба ин занон ва ин бемор коре надошта бошед"[25]

Бархе навиштаанд, ки бемории он ҳазрат ё асари он то даромади Кӯфа идома доштааст.[26]

Ҷуз ин чанд рӯз дар ҳеҷ таърихе дида намешавад, ки Имом Саҷҷод то поёни умр ё бештари умр бемор будааст. Қаринаҳое дар даст ҳаст, ки он бузургвор монанди соири имомон дар сар то сари зиндагӣ ҷуз чанд мавриди кӯтоҳ аз саломатии комил бархӯрдор буда[27] ва ба анҷоми вазифаҳои имомат машғул будааст.

## Имоми чаҳорум бо ҳокимони асри худ

Имом Саҷҷод[а] дар рӯзгори имоматии хеш бо ҳокимони ситамгар рӯ ба рӯ буд. Язид, Абдулло ибни Зубайр, Марвони Ҳакам, Абдулмалик ибни Марвон ва Валид ибни Абдулмалик ҳукмронони бедодгаре буданд, ки дар даврони имомати

[25] "Табақот", ҷ.5 саҳ. 157

[26] "Луҳуф"-и Ибни Товус, саҳ. 137

[27] "Кофӣ", ҷ. 7 саҳ. 56

ҳазрати Зайнулобидин[(а)] ҳар як муддате бар ҷомеаи мусулмонон фармонравоӣ карданд. Барои ошноӣ бо авзои он замон гӯшаҳое аз ҷиноёти ин бедодгаронро ёд мекунем:

Пас аз шаҳодати сарвари шаҳидон Имом Ҳусайн[(а)] гурӯҳе аз мардуми Мадина дар соли шасту дуи ҳиҷрӣ ба Шом рафтанд. Онҳо аз наздик мушоҳида карданд, ки Язид шароб менӯшад, сагбозӣ мекунад ва рӯзу шабро ба айшу нӯш ва гуноҳони дигар мегузаронад. Ин гурӯҳ ба Мадина баргаштанд ва дидаҳояшонро барои мардум бозгӯ карданд. Мардуми Мадина, ки аз қатли Имом Ҳусайн[(а)] сахт хашмгин буданд, парчами мухолифат барафрохтанд.[28] Язид барои саркуб кардани мухолифон сипоҳе ба фармондеҳии марди палиде ба номи Муслим ибни Уқба ба Мадина фиристод. Сипоҳиёни Язид се рӯз Мадинаро ғорат карда, ба қатли ом пардохтанд ва даҳҳо ҳазор нафарро куштанд. Онҳо аз ҳеҷ ҷинояте дар ин мубориза рӯй натофтанд.[29]

Дар соли шасту чаҳори ҳиҷрӣ пас аз марги Язид фарзандаш Муовия ба ҷои ӯ бар маснади ҳукумат нишаст. Пас аз муддати кӯтоҳе (чиҳил рӯз ё се моҳ) Муовия ба минбар рафт ва

[28] "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.4 саҳ. 130

[29] "Ал бидояту ван ниҳоя"-и Ибни Касир, ҷ.8, саҳ.231



истеъфои худро эълон ва аз ҳукумат барканор шуд.[30]

Бо марги Язид, Абдулло ибни Зубайр, ки солҳо дар тамаи хилофат ва ҳукумат буд, дар Макка қиём кард. Мардуми Ҳиҷоз, Ироқ, Яман ва Хуросон низ бо вай байъат карданд. Дар Шом Марвон ибни Ҳакам пас аз истеъфои Муовия ибни Язид бо дасиса ба ҳукумат расид ва ба мухолифат бо Абдулло ибни Зубайр пардохт. Ӯ бо дасисаю найранг Шом ва сипас Мисрро ба тасарруфи худ даровард, вале ҳукуматаш дер давом накард ва дар фосилаи кӯтоҳ аз дунё гузашт. Абдулмалик - писари Марвон баъд аз падар ба ҷои ӯ ба мансаб нишаст.[31]

Абдулмалик дар соли шасту панҷи ҳиҷрӣ ба ҳукумат расид ва пас аз мустаҳкам кардани мавқеи худ ва тасаллут бар Шом ва Миср дар соли ҳафтоду сеи ҳиҷрӣ Абдулло ибни Зубайрро дар Макка муҳосира ва дастгир намуда ба қатл расонид.[32]

Абдулмалик марди бераҳм, бахил ва ситамгар буд. Вай рӯзе ба Саид ибни Мусайяб гуфт: "Ман ончунон шудаам, ки аз анҷоми кори нек шоду масрур намешавам ва аз кори зишт бадам

[30] "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.4 саҳ. 130

[31] "Таърихулхулафо"-и Суютӣ, саҳ.212, чопи 1383 ҳ.қ.

[32] "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.4, саҳ.348

намеояд". Саид ба ӯ гуфт: "Маълум мешавад, ки дилат комилан мурдааст".

Пас аз кушта шудани Убайдулло ибни Зубайр дар хутбае ба мардум гуфт: "Ҳар кас маро ба тақвою парҳезкорӣ даъват кунад гарданашро мезанам".[33]

Аз ҷиноёти бузурги Абдулмалик фармонраво сохтани Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ дар Басра ва Кӯфа мебошад. Ҳаҷҷоҷ аз хунрезтарин ва разилтарин чехраҳои ҳукумати Умавӣ аст. Ӯ ваҳшиёна ба озору шиканҷа ва куштори мардум пардохт, ба хусус ба нобудии шиаёни ҳазрати Алӣ[а] камари ҳиммат баст ва дар муддати ҳукумати худ ҳудуди як саду бист ҳазор нафарро кушт.[34]

Абдулмалик Имом Саҷҷод[а]-ро муроқибати шадид мекард. Ӯ мекӯшид, ки аз рафтори имом чизе нодуруст ба даст оварад ва ба он баҳона бар Имом (а) сахт бигирад ё ба ӯ тӯҳмат бизанад.

Имом Саҷҷод бо яке аз канизон, ки озодкардаи худашон буд, издивоҷ карданд. Ҷосусони Абдулмалик ин ҷараёнро ба ӯ расониданд ва Абдулмалик номае таҳқиромез ба он ҳазрат навишт, ки: "Ба ман хабар расид, ки ту бо канизи озодкардаи худ издивоҷ кардаӣ, дар ҳоле ки дар

[33] "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.4, саҳ.521-522

[34] "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.4, саҳ.587



қурайш занони саршиносе ҳастанд, ки издивоҷ бо онон сабаби азамат ва ифтихори ту мешуд ва аз онҳо фарзандони шоистае насиби ту мегашт. Ту бо ин издивоҷ на мулоҳизаи худро кардаӣ ва на барои фарзандонат роҳи бузурге боқӣ гузоштаӣ. Вассалом".

Имом[а] дар посух фармуд:

"Номаи ту ба ман расид, маро ба издивоҷ ба канизи озодшудаам сарзаниш кардаӣ ва пиндоштаӣ, ки дар занони қурайш касоне ҳастанд, ки издивоҷ бо онҳо сабаби шараф ва азамати ман мешавад ва фарзандони наҷиб насибам мегардад. Чи хеле ки маълум аст дар бузургворӣ аз Паёмбари Худо касе бартар нест (яъне мо аз хонадони паёмбарем ва хонадоне бартар аз мо нест, ки издивоҷ бо онон сабаби бузургии мо шавад... ). Он ки дар дини Худо пок бошад, ҳеҷ чиз ба шахсияти ӯ зиён намерасонад.

Худои бузург ба василаи Ислом пастӣ ва камбудро аз миён бардоштааст (ҳар кас мусулмон шавад бузургвор аст, гарчи фақир ё ғулом бошад ва издивоҷ бо ӯ ҳеҷ айбе надорад...".[35]

Абдулмалик боре барои тавҳин ба Имом[а] ва барои эҷоди тарсу ваҳшат дар мардум ва пешгирӣ аз ҳар гуна фаъолият имомро бо

[35] "Кофӣ", ҷ.5 саҳ.344

сахтгирӣ ба Шом ҷалб кард ва дубора ба Мадина баргардонд.[36]

Пас аз марги Абдулмалик дар соли ҳаштоду шаши ҳиҷрӣ, фарзандаш Валид ба ҷои ӯ ба мансаб нишаст. Валид марди ситамгар ва бепарво буд. Ҷалолиддини Суютӣ дар бораи ӯ менависад:

***"Конал Валиду ҷабборан золимо ".[37]***

Валид дар аввалин суханронии худ гуфт:

***"Ҳар кас дар баробари мо гарданкашӣ кунад, ӯро мекушем ва ҳар кас сукут кунад, дарди сукут ӯро хоҳад кушт".[38]***

Валид ҳам монанди дигар ҳокимони ситамгари он замон аз шӯҳрат ва маҳбубияти Имом[(а)] ҳаросон буд. Ӯ аз шахсияти илмӣ ва рӯҳонии он гиромӣ ранҷ мебурд ва метарсид, ки мабодо мардумон аз барои ӯ гирд омада, барои салтанату ҳукумати ӯ хатаре эҷод шавад. Аз ин рӯ натавонист вуҷуди муборакi Имом (а)-ро дар ҷомеаи мусулмонон таҳаммул кунад ва ба дасисае он гиромиро заҳр дод.[39]

Бо нигариш ба авзои даврони имомати ҳазрати Саҷҷод[(а)], ки сар то сар ҳамзамон бо

[36] "Тазкиратулхавос", саҳ.183

[37] "Таърихулхулафо", саҳ.223

[38] "Таърихи Табарӣ", ҷ.8, саҳ.1187

[39] "Маноқиб"-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.211, чопи Наҷаф.



ошӯбҳо ва бӯҳронҳои гуногуни иҷтимоӣ буд ва бо таваҷҷӯҳ ба вуҷуди ҳокимони ситамгару ҷинояткор ва муроқибатҳои шадиди онон аз имом ва низ бо таваҷҷӯҳ ба набудани ёрони боимон ва муҷоҳиду фидокор ба ин натиҷа мерасем, ки он гиромӣ ҷуз муборизаи манфӣ ва парвариши шогирдони мумтоз ва нашри осори илмию ахлоқӣ, чораи дигаре надошт.

Дар роҳи Макка шахсе ба эътироз ба он ҳазрат гуфт:

-Ҷиҳод ва сахтии онро раҳо карда ва ба ҳаҷ, ки кори осоне аст пардохтаӣ?!

Имом фармуданд:

***"Агар ёроне бо имону фидокор доштем ҷиҳоду мубориза аз Ҳаҷ беҳтар мебуд".[40]***

Абӯумари Наҳдӣ мегӯяд, ки Имом Саҷҷод мефармуд:

***"Мо дар Мадина ва Макка бист нафар дӯст (воқеӣ ва фидокор) надорем".[41]***

## Имом ва таълиму тарбияти мусулмонон

Пас аз воқеаи Карбало ва бозгашт ба Мадина, яке аз барномаҳои Имом Саҷҷод (а) нашри

[40] "Эҳтиҷоҷ"-и Табарсӣ саҳ.171, чопи Наҷаф соли 1350-и ҳиҷрии қамарӣ.

[41] "Шарҳи Наҳҷулбалоға"-и Ибни Абилҳадид, ҷ.4 саҳ.104, чопи 20 ҷилдӣ.

аҳодис ва улуми исломӣ ба василаи гурӯҳе аз мусулмонон ва низ тарбияти онон буд.

Шайх Тӯсӣ 170 нафарро, ки аз асҳоби ҳазрати Саҷҷод буданд ва ё аз он имом ривоят кардаанд ном мебарад.[42] Мо барои намуна се тан аз ёрони имоми чаҳорум ҳазрати Зайнулобидин (а)-ро ёд мекунем:

1- **Саид ибни Мусайяб**. Имом Саҷҷод худ дар бораи Саид ибни Мусайяб мефармуд:

> ***"Саид ба осори гузашта аз ҳамаи мардум донотар аст ва дар рӯзгори худ фаҳмаш аз ҳама бештар аст".***[43]

2- **Абӯҳамзаи Сумолӣ**. Имом Ризо[(а)] фармудаанд:

> ***"Абӯҳамза дар замони хеш ҳамчун Салмон буд дар замони ӯ".***[44]

3- **Саид ибни Ҷубайр**. Ӯ аз назари илмӣ чунон роҳёфта ва донишманд буд, ки мегуфтанд:

> ***"Дар рӯи замин касе нест, ки ба дониши фарзанди Ҷубайр ниёзманд набошад".***[45]

[42] "Риҷол"-и Шайх Тӯсӣ, саҳ.81

[43] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.119, чопи Машҳад.

[44] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.485

[45] "Маноқиб"-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.311



Саид ибни Ҷубайрро дастгир карданд ва назди Ҳаҷҷоҷи Сақафӣ оварданд. Ҳаҷҷоҷ гуфт: "Ту Шақӣ ибни Касир ҳастӣ, на Саид ибни Ҷубайр".[46]

Саид гуфт:

- Модарам беҳтар медонист, ки маро Саид номид.

Ҳаҷҷоҷ пурсид:

- Дар бораи хулафои гузашта чӣ ақида дорӣ? Дар биҳиштанд ё дар дӯзах? (бо ин пурсиш мехост Саид чизе бигӯяд, то онро баҳонаи қатли ӯ қарор диҳад).

Саид гуфт:

- Агар ба биҳишт равам ва биҳиштиёнро бинам, он гоҳ хоҳам донист, ки аҳли биҳишт чӣ касонанд ва агар ба дӯзах дароям ва дӯзахиёнро бингарам ононро хоҳам шинохт.

Ҳаҷҷоҷ пурсид:

- Дар мавриди хулафо чӣ ақида дорӣ?

Саид:

- Ман вакили онҳо нестам.

Ҳаҷҷоҷ:

- Кадоме аз хулафоро бештар дӯст дорӣ?

Саид:

- Онро, ки Офаридгори ҷаҳон аз ӯ хушнудтар бошад.

[46] Шақӣ ибни Касир, яъне маънои номаш: бадбахт фарзанди шикаста ва маънои Саид ибни Ҷубайр, яъне некбахт фарзанди ҷуброн ёфта мешавад. Ҳаҷҷоҷ бо ин таъбир мехост Саидро таҳқир кунад.

Ҳаҷҷоҷ:

- Худо аз кадоме хушнудтар аст?

Саид:

- Худое, ки донои розҳо ва пинҳонҳост инро медонад.[47]

Ҳаҷҷоҷ:

- Чаро намехандӣ?

Саид:

- Чӣ хел хандад офаридае, ки аз хок офарида шуда ва мумкин аст оташ ӯро нобуд кунад.

Ҳаҷҷоҷ:

- Пас чаро мо шоду хандонем?

Саид:

- Дилҳои мардум яксон нест.

Ҳаҷҷоҷ дастур дод ҷавоҳироте оварданд ва пеши Саид ниҳоданд.

Саид гуфт:

- Агар ин молу сарватро ҷамъ кардаӣ, то аз сахтии рӯзи қиёмат наҷот ёбӣ, бар ту сарзанише нест, вагарна қиёмат чунон ваҳшатовар аст, ки модарон тифлони ширхораашонро фаромӯш мекунанд. Пас дар андӯхтани сарват фоидае нест, магар он миқдор, ки поку холис бошад.

Ҳаҷҷоҷ:

- Дӯст дорӣ чӣ хел туро кушам?!

Саид:

[47] "Риҷол"-и Кашшӣ, саҳ.119



- Ҳар гуна, ки худ моил ҳастӣ, ба Худо савганд, ҳар тавре маро бикушӣ Худо туро дар охират ҳамон хел мекушад.

Ҳаҷҷоҷ:

- Майл дорӣ туро афв кунам?

Саид:

- Агар афве бошад фақат аз Худост, вале аз ту ҳаргиз бахшиш наметалабам.

Ҳаҷҷоҷ дастур ба қатли ӯ дод ва васоилро омода сохтанд. Саид гуфт: "**Ваҷҷаҳту ваҷҳия лиллазӣ фатарас самовоти вал арза ҳанифан ва мо ана минал мушрикин**, - ***Ба сӯи он касе рӯй мустақим медорам, ки осмонҳою заминро офарид, ман мусулмонам ва аз мушрикон нестам*".**[48]

Ҳаҷҷоҷ гуфт:

- Рӯяшро аз қибла баргардонед.

Саид гуфт: "**Фаайнамо туваллу фасамма ваҷҳуллоҳи, -** ***Ба ҳар сӯ рӯ оваред Худо дар ҳамон тараф аст*".**[49]

Ҳаҷҷоҷ гуфт:

- Рӯяшро бар хок гузоред.

Саид ин оятро хонд: "**Минҳо халақнокум ва фиҳо нуъидукум ва минҳо нухриҷукум торатан ухро**, - ***Шуморо аз хок офаридем,*** *боз ба*

[48] Сураи "Анъом", ояти 79

[49] Сураи "Бақара", ояти 115

***хок бармегардонем ва бори дигар аз хок шуморо берун меоварем.***[50]

Ҳаҷҷоҷ гуфт:

**-** Сарашро ҷудо кунед.

Саид гуфт:

**Ашҳаду ан ло илоҳа иллаллоҳу ваҳдаҳу ло шарика лаҳ, ва анна Муҳаммадан абдуҳу ва расулуҳу**.

Сипас идома дод, Худоё! Пас аз ман ӯро бар ҳеҷ кас мусаллат макун.

Лаҳзае баъд хуни поки Саид ибни Ҷубайр ба фармони Ҳаҷҷоҷ рехта шуд.

Саид ибни Ҷубайр аз пайравони воқеии Имом (а) буд ва он ҳазрат ӯро гиромӣ медошт. Сабаби аслии қатли ӯ ба воситаи Ҳаҷҷоҷ ҳамин иртиботи ӯ бо Имом Саҷҷод[(а)] буд.[51]

**Саҳифаи Саҷҷодия**

Таваҷҷӯҳ ба дуо, ёрӣ хостан аз Худо ва хондани Худованд ба ҳангоми мушкилоту ниёзмандиҳо ангезаи фитрӣ дорад. Аз ҳамин ҷиҳат ҳангоме ки дасти одамӣ аз ҳамаи василаҳо кӯтоҳ мешавад ва роҳҳоро ба рӯи худ баста мебинад, худ ба худ даст ба сӯи қудрати бартар ва раҳмати густурдаи Худо бармедорад ва ӯро мехонаду аз ӯ муродашро

[50] Сураи “Тоҳо”, ояти 55

[51] “Равзотулҷаннот”, саҳ.310



мехоҳад. Ба ростӣ виҷдон ба ин васила дар тӯфони ҳар мушкиле оромиш меёбад, изтиробу нигаронӣ коҳиш меёбад ва равон такягоҳи мустаҳкам пайдо мекунад.

Донишмандони равоншинос ва онҳое, ки бо масоили равонӣ ошноӣ доранд медонанд, ки дуо беҳтарин ғизо ва давои рӯҳи одамӣ ва нишотбахши ҷонҳои хаста аст. Дуо дардҳоро таскин мебахшад ва аз нороҳатиҳои асабҳо дар мусибатҳо мекоҳад.

Дар Ислом аз ин дарёфти фитрӣ барои ҳидояту роҳнамоии башар ва барои таълиму тарбияти ӯ истифода шудааст. Пешвоёни Ислом бо дуоҳою ниёишҳои мухталифе, ки аз худ ёдгор гузоштаанд, як силсила маорифу эътиқодоти дурустро ба пайравони худ омӯхтаанд ва муолиҷотеро барои бемориҳо ва риштаҳои махсуси асаби инсонҳо ёд кардаанд.

Яке аз донишмандон дар ин бора чунин менависад:

> ***“Яке аз захираҳои бузурги илмию тарбиятии Ислом дуоҳое аст, ки аз Расули Акрам[(с)] ва имомони ҳидоятгар[(а)] боқӣ монда аст. Зеро масоили тавҳиду илоҳиёт, нубуввату имомат, низоми ҳукумату давлатдорӣ, ахлоқу ҳуқуқи маданӣ, аҳкому одоби гуногун, ҳама дар дуоҳое, ки барои мо ба ёдгор гузоштаанд, матраҳ шудааст. Метавон гуфт, ки***

***маҷмӯаи дуоҳои ба мо расида, мадрасаи бузурге аст, ки дар рушди фикрию тараққии рӯҳӣ ва иҷтимоии мусулмонон таъсири бузург дорад ва то мусулмонон ин мадрасаро набинанд шахсияти исломии онҳо комил нахоҳад шуд”.***

Дар миёни дуоҳое, ки аз пешвоёни гиромии мо бароямон ёдгор мондааст, “**Саҳифаи Саҷҷодия**” аз чаҳорумин Имом Зайнулобидин(а) мебошад, ки ҳамчун офтоб медурахшад.

Ҳангоме ки аз ҳавзаи илмияи Қум барои донишманди бузурги аҳли суннат ва соҳиби тафсири “Алҷавоҳир” як нусха аз китоби “Саҳифаи Саҷҷодия” ирсол шуд ва бо ин китоби арҷманд шинос гардид, дар бораи он чунин навишт:

***“Китобро бо эҳтиром ба даст гирифтам ва онро китоби ягонае ёфтам, ки шомил бар улум, маориф ва ҳикматҳое аст, ки дар ғайри он ёфт намешавад. Ҳақиқатан бадбахтӣ аст, ки мо то кунун ба ин асари гаронбаҳои ҷовид аз меросҳои нубувват ва аҳли байт даст наёфтаем. Ман ҳарчи дар он мутолиа ва диққат мекунам, мебинам, ки он болотар аз каломи махлуқ ва поинтар аз каломи Холиқ аст. Ростӣ, чи китоби кариме аст, Худованд шуморо***



***дар баробари ин ҳадяи беҳтарин подош бахшад ва муваффақу муайяд дорад”.***[52]

Барои ошноии бештар бо ин китоби пурарзиш феҳрасти дуоҳои онро ёдовар мешавем ва сипас ба тарҷумаи бархе аз онҳо мепардозем:

***1. Ситоиши Худо.***

***2. Дуруд бар Муҳаммад ва хонадони ӯ(а).***

***3. Дуруд бар фариштагони ҳомили арш.***

***4. Талаби раҳмат барои пайравони анбиё.***

***5. Дуои он ҳазрат барои худ ва дӯстонаш.***

***6. Дуои субҳу шом.***

***7. Дуои он ҳазрат ҳангоме ки муҳимме пеш меомад ё ҳодисае рух медод ва инчунин ҳангоми андӯҳ.***

***8. Дар паноҳ бурдан ба Худо аз ахлоқи нописанд ва корҳои зишт.***

***9. Дар иштиёқ ба талаби омӯзиш.***

***10. Дар паноҳ бурдан ба Худои мутаол.***

***11. Дуои он ҳазрат дар талаби некфарҷомӣ.***

***12. Дар мақоми эътироф ва талаби тавба.***

***13. Дар талаби ҳоҷатҳо.***

***14. Дар шикоят аз ситамгарон ҳангоме ки ситаме ба ӯ мерасид ё аз ситамгарон коре, ки дӯст намедошт, медид.***

***15. Дуои он ҳазрат ҳангоме ки бемор мешуд ё андӯҳ ва ё гирифторӣ барояш пеш меомад.***

***16. Дар талаби гузашт аз гуноҳон ва айбҳо.***

---

[52] Ба хотимаи тарҷумаи “Саҳифаи Саҷҷодия”-и чопи охундӣ муроҷиат шавад.

***17.*** *Дуои он ҳазрат ҳангоме ки шайтонро ба ёд меовард ва аз ӯ ва душманию макри ӯ ба Худо паноҳ мебурд.*

***18.*** *Дуои он ҳазрат ҳангоме, ки рафъи хатаре мешуд ё ҳоҷате, ки дошт ба зудӣ бароварда мешуд.*

***19.*** *Дар талаби борон пас аз қаҳтӣ ва хушксолӣ.*

***20.*** *Дар талаби ахлоқи сутуда ва рафтори писандида (макоримулахлоқ).*

***21.*** *Дуои он ҳазрат ҳангоме, ки мавзӯе ӯро андӯҳгин месохт.*

***22.*** *Дуо дар ҳангоми сахтӣ ва мушкил шудани корҳо.*

***23.*** *Дар талаби офият ва шукр бар он.*

***24.*** *Дар бораи падару модараш.*

***25.*** *Дар бораи фарзандонаш.*

***26.*** *Дар бораи ҳамсоягон ва дӯстонаш.*

***27.*** *Дар бораи муздурони мамолики исломӣ.*

***28.*** *Дуои он ҳазрат дар ҳоли паноҳ бурдан ба Худои мутаол ва изҳори тарс аз ӯ.*

***29.*** *Дуо ҳангоми танг шудани рӯзӣ.*

***30.*** *Дар талаби кӯмак аз Худои мутаол барои пардохти қарз.*

***31.*** *Дар зикри тавба ва талаби он.*

***32.*** *Дуои пас аз намози шаб.*

***33.*** *Дуои талаби хайр.*

***34.*** *Дуои он ҳазрат ҳангоме ки гирифторӣ пеш меомад ё касеро ба расвоии гуноҳ гирифтор медид.*

***35.*** *Дуои он ҳазрат дар макоми ризо, дар он ҳангом ки ба аҳли дунё ва дунёдорон менигарист.*



***36.*** *Дуо дар ҳангоме ки абру барқро медид ва садои раъдро мешунид.*

***37.*** *Дар эътироф ба ин, ки аз ӯҳдаи шукри неъматҳои илоҳӣ наметавон баромад.*

***38.*** *Дар узрхоҳӣ аз кӯтоҳӣ дар адои ҳуқуқи бандагони Худо.*

***39.*** *Дар талаби афву раҳмат.*

***40.*** *Дуои он ҳазрат ҳангоме ки ёди марг мекард ё хабари марги касеро мешунид.*

***41.*** *Дар талаби пардапӯшӣ ва нигаҳдорӣ аз гуноҳ.*

***42.*** *Дуо ҳангоме ки қироати Қуръонро ба поён мерасонд.*

***43.*** *Дуо ҳангоми нигоҳ кардан ба моҳи нав.*

***44.*** *Дуои аввали моҳи Рамазон.*

***45.*** *Дуои видоъ бо моҳи Рамазон.*

***46.*** *Дуои рӯзҳои иди Фитр ва ҷумъа.*

***47.*** *Дуои рӯзи Арафа (нӯҳуми зиҳиҷҷа).*

***48.*** *Дуои рӯзҳои иди Қурбон ва ҷумъа.*

***49.*** *Дуои он ҳазрат барои дафъи макри душманон.*

***50.*** *Дар тарс аз Худо.*

***51.*** *Дар тазаррӯъ ва зорӣ.*

***52.*** *Исрор дар хоҳиш аз Худои мутаол.*

***53.*** *Тавозӯъ ва хурд будан дар пешгоҳи Худо.*

***54.*** *Талаби рафъи андӯҳҳо.*

Барои “Саҳифаи Саҷҷодия” шарҳҳои бисёре ба араби ва форсӣ навишта шудааст. Марҳум Аллома Шайх Оқобузурги Теҳронӣ дар китоби

пурарзиши “Аз-Зариъа”[53] ҳудуди ҳафтод шарҳ бар “Саҳифаи Саҷҷодия”-ро ном мебарад. Дар миёни ин шарҳҳо шарҳи Сайид Алихони Кабир[54] ва мухтасари он ба номи “Талхисурриёз” чоп шуда ва дастрас аст. Инчунин донишмандони шиа дар гузашта тарҷумаҳои гуногуне бар “Саҳифаи Саҷҷодия” нигоштаанд, ки мутаассифона ҳеҷ як то кунун чоп нашудааст.

Дар солҳои охир бархе аз нависандагони муосир “Саҳифаи Саҷҷодия”-ро ба забони форсӣ тарҷума кардаанд ва мо дар зер бархе аз ин тарҷумаҳоро, ки чоп шудаанд, ном мебарем:

***1- Тарҷумаи марҳум ҳоҷӣ Шайх Абулҳасани Шаъронӣ.***

***2- Тарҷумаи марҳум ҳоҷӣ Шайх Маҳдӣ Илоҳии Қумшаӣ.***

***3- Тарҷумаи Файзулислом.***

***4- Тарҷумаи Ҷаводи Фозил.***

***5- Тарҷумаи Садри Балоғӣ.***

Инак тарҷумаи бархе аз дуоҳои “Саҳифаи Саҷҷодия”:

Дар дуои ҳаштум чунин мехонем:

> ***”Бор худоё! Ба ту паноҳ мебарам аз туғёни ҳирсу саркашии хашм, ғалабаи ҳасад, камбуди шикебоӣ, камии қаноат, аз бадхӯӣ ва фишори шаҳват, чира***

[53] “Аззариа”, ҷ.13 саҳ.345

[54] Аз донишмандони шиа дар асри 11-и ҳиҷрӣ



***шудани таассуф, пайравии ҳавас, сарпечӣ аз ҳидоят, хоби ғафлат, кӯшидани беш аз ҳоҷат, баргузидани ботил бар ҳақ, пофишорӣ бар гуноҳу ночиз шумридани гуноҳ, бузург шумридани тоату рақобат, ҳамсарӣ кардан бо тавонгарон, хор шумридани фақирон, бадрафторӣ бо зердастон, носипосӣ ба касе, ки ба мо некӣ кардааст, аз ин ки ситамгареро кӯмак кунем ва ё дар ёрии ситамдидае кӯтоҳӣ намоем, ё он чи ҳаққи мо нест бихоҳем ва ё надониста дар илми дин чизе бигӯем.***

***Паноҳ мебарем ба ту аз он ки қасди хиёнат ба касе дошта бошем ё ба кирдори худ биболему орзуи дурудароз намоем. Паноҳ мебарем ба ту аз бадии ботин, аз ночиз шумридани гуноҳи хурд, аз он ки шайтон бар мо чира гардад ё рӯзгори моро ба балоҳо гирифтор созад ва ё султон ба мо ситам кунад.***

***Паноҳ мебарем ба ту аз зиёдарӯӣ, исроф, надоштани (рӯзӣ) ба қадри кифоят ва паноҳ мебарем ба ту аз хурсандии душманон, ниёз ба амсоли баробар ба худ, зистан дар сахтӣ, мурдан бидуни омодагӣ ва ба таври ногаҳон. Паноҳ мебарем ба ту аз ҳасрати бузург, мусибати азим, бадтарин***

*бадбахтӣ, бадии оқибат, маҳрумият аз подоши нек ва гирифторӣ ба азоб.*

*Парвардигоро! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист. Ман ва ҳамаи мардону занони боимонро ба раҳмати худат аз ҳамаи ин бадиҳо дар паноҳ гир. Ё арҳамар роҳимин".*

Дар дуои бистум мехонем:

*"Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва имонамро ба комилтарин имон бирасон, яқинамро беҳтарин яқин қарор деҳ, ниятамро ба беҳтарин ниятҳо ва амаламро ба беҳтарин амалҳо анҷом деҳ.*

*Бор худоё! Ба лутфат ниятамро комил кун, яқинамро ба он чи назди туст, устувор дор ва ба қудрати худ он чи аз ман табоҳ шудааст, ислоҳ фармо.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва он чи андешаи маро ба худ машғул медорад ту худ кифоят кун, маро ба он чи фардои қиёмат аз ман пурсиш хоҳӣ кард во дор, вақтҳоямро дар он чи маро барои он офаридаӣ фориғ соз. Маро бениёз гардон, рӯзиатро бар ман вусъат деҳ, ба носипосию бутпарастӣ мубталоям макун, азизам гардону ба такаббур мубталоям макун, маро тавфиқи ибодат деҳу ибодатамро бо*



*худписандӣ табоҳ масоз, барои мардум ба дасти ман хайру некӣ ҷорӣ созу он кори некро ба миннат ниҳодан бар онҳо ботил макун, ахлоқи олӣ ба ман ато кун ва маро аз фахрфурӯшӣ нигоҳ дор.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист, мартабаи маро дар миёни мардум боло мабар, магар он ки ба ҳамон андоза назди худам поин оварӣ ва иззати ошкоре бароям эҷод нафармо, магар он ки дар ботин ба ҳамон андоза маро назди худ хор созӣ.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист, маро ба ҳидояти шоистае, ки тағир надиҳам, роҳи ҳаққе, ки аз он мунҳариф нашавам, нияти дурусте, ки дар он шак накунам ҳамвора то умрам дар бандагию тоати ту мегузарад зинда бидор, ҳар гоҳ зиндагиам чарогоҳи шайтон гашт, маро ба сӯи худ бар, (ҷонамро бигир) пас аз он ки танаффуру душманият бар ман рӯ овард ё хашмат бар ман устувор шавад.*

*Парвардигоро, ҳеҷ сифати нописандеро дар ман фурӯ магузор, ҷуз он ки ислоҳ кунӣ ва на ҳеҷ айберо, ки бар он накӯҳиш шавам, ҷуз он ки онро некӯ созӣ ва на хислати неки ноқисе, ҷуз он ки онро комил намоӣ.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва бароям кинаи душманонро ба меҳр, ҳасади ситамгаронро ба некхоҳӣ, бадгумонии бандагони шоистаатро дар бораи ман ба эътимоду некандешӣ, душмании наздиконро ба дӯстӣ, бадрафтории хешонро ба некӯкорӣ, вогузоштани бастагонро ба ёрию мададгорӣ, чоплусии дӯстони дурӯғинро ба ихлос, қаҳри муоширонро ба омезишу муошırати хуш ва талхии тарс аз ситамгаронро ба ширинии амният табдил фармо.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва маро бар он ки бар ман ситам кунад дасти тавоно, бар он ки бо ман ситеза ҷӯяд забони гӯё, бар касе ки бар ман душманӣ варзад, пирӯзӣ деҳ. Бар он кас ки забуну хорам хоҳад, тавоноӣ марҳамат кун, аз он ки озори ман ҷӯяд раҳоӣ бахш, ба фармонбарӣ аз касе, ки маро ба ростию дурустӣ во медорад ва ба пайравӣ аз он ки маро роҳнамоӣ мекунад муваффақ соз.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва маро ёрӣ кун, то касе, ки ба ман хиёнат кардааст, бо хайрхоҳӣ ҷавоб гардонам, он касро ки аз ман дурӣ ихтиёр кардааст, ба некӣ подош диҳам,*



*ба он ки маро маҳрум доштааст бо бахшиш посух диҳам, онро ки аз ман буридааст бо пайвастан ҷуброн кунам, онро ки аз ман бадгӯӣ кардааст ба некӣ ёд кунам, хубиро сипос гузорам ва аз бадӣ чашмпӯшӣ кунам.*

*Бор худоё! Бар Муҳаммаду Олаш дуруд бифирист ва маро ба зевари шоистагон ороиш деҳ, бо зинати парҳезкорон бипӯшон: дар густариши адл, фурӯ бурдани хашм, хомӯш сохтани (оташи) фитнаю адоват, ҷамъоварии дилҳои пароканда, ислоҳи миёни мардум, фош сохтани некиҳои мусулмонону пӯшондани айби онон, нармхӯӣ, фурӯтанӣ, хушрафторӣ, виқору матонат, хушхулқӣ ва пешгирифтан дар некӯкорӣ...”.*

**Рисолаи ҳуқуқ**

Яке аз осори дигари арзишманде, ки аз Имом Саҷҷод[а] то ба мо омада расидааст, “Рисолаи Ҳуқуқ” мебошад. Донишмандони шиа дар китобҳои кӯҳан аз ин осори гаронбаҳо ёд кардаанд. Ҳамаи ин рисола дар китоби “Туҳафулъуқул” ва кӯтоҳшудаи он дар китобҳои “Ман ло яҳзараҳул фақиҳ”, “Хисол” ва “Амолӣ” нақл шудааст.

Инак, мо тарҷумаи тақрибии бахши муҳимме аз онро дар зер меоварем:

**Ҳаққи Худо**: ҳаққи Худои бузург бар ту он аст, ки ӯро парастӣ ва ба ӯ ширк наварзӣ. Агар ба ихлос чунин кунӣ Худованд кори дунё ва охирататро ризобахш мекунад.

**Ҳаққи нафс**: ҳаққи нафси ту бар ту он аст, ки онро дар тоати Худои бузург бакор гирӣ.

**Ҳаққи забон**: боздоштани он аз дашном, одат додани он бар гуфтори нек, худдорӣ аз сухане, ки дар он суде нест, некӣ ба мардум ва гуфтани хубиҳои онон аст.

**Ҳаққи гӯш**: боздоштани он аз шунидани ғайбат аст ва инчунин аз шунидани он чи ҳалол нест.

**Ҳаққи чашм**: боздоштани он аз он чи диданаш ҳалол нест ва ибрат гирифтан бо он.

**Ҳаққи даст**: он аст, ки онро дар он чи ҳалол нест ба кор набарӣ.

**Ҳаққи по**: Он аст, ки бо он ба ҷойҳое, ки ҳалол нест наравӣ. Бо он ду по бар сирот меистӣ, пас бингар туро налағжонад, то дар оташ афтӣ.

**Ҳаққи шикам**: он аст, ки онро зарфи ҳаром насозӣ ва зиёд серӣ нахӯрӣ.

**Ҳаққи аврат**: он аст, ки онро аз зиною фаҳшо нигоҳ дорӣ ва аз нигоҳи мардумон пӯшонӣ.

**Ҳаққи намоз**: он аст, ки бидонӣ намоз ба даргоҳи Худо рафтан аст. Дар он ҳол ту дар ҳузури Худои бузург истодаӣ, агар инро бидонӣ



ҳамчун бандаи ҳақиру нотавон меистӣ, бо дили хеш ба ӯ рӯй меоварӣ ва намозро он хеле ки шоиста аст ба ҷо меоварӣ.

**Ҳаққи ҳаҷ**: он аст, ки бидонӣ ин кор ба даргоҳи Худо рафтан ва фирор аз гуноҳон ба сӯи ӯ аст, василаи пазириши тавбаи ту ва анҷоми фаризае аст, ки Худованд бар ту воҷиб сохт.

**Ҳаққи рӯза**: он аст, ки бидонӣ рӯза пардае аст, ки Худои бузург бар забон, гӯш, чашм, шикам ва аврати ту кашида аст, то ба василаи он туро аз оташ ҳифз кунад ва агар рӯзаро анҷом надиҳӣ пардаи Худоро бар худ пора кардаӣ.

**Ҳаққи садақа**: он аст, ки бидонӣ он захираи ту назди Парвардигор аст ва супурдае аст, ки ниёзе ба гувоҳ бар он надорӣ. Агар инро бидонӣ боварииат ба он чи дар пинҳон ба Худо месупорӣ, бештар хоҳад буд, аз он чи дар ошкор назди ӯ мегузорӣ.

Бояд бидонӣ, ки садақа дар дунё балоҳою бемориҳоро аз ту нигаҳ медорад ва дар охират оташи дӯзахро.

**Ҳаққи қурбонӣ**: он аст, ки ба он Худои бузургро бихоҳӣ на офаридагонро ва ба воситаи он ҷуз раҳмати Худо ва наҷоти худро дар рӯзи қиёмат нахоҳӣ.

... **Ҳаққи муаллим**: бузург доштани ӯст ва боадаб будан дар маҷлиси ӯ, некӯ гӯш кардани сухани ӯ ва рӯй овардан ба ӯ. Бояд овози худро ба ӯ баланд накунӣ, агар касе аз ӯ чизе пурсад ту

посух надиҳӣ то ӯ посух диҳад, дар маҷлиси ӯ бо касе сухан нагӯӣ, назди ӯ касеро ғайбат накунӣ. Агар ӯро назди ту бад гӯянд аз ӯ дифоъ кунӣ, зиштиҳои ӯро пӯшонӣ, хубиҳояшро ошкор созӣ, бо душманаш ҳамнишин нашавӣ ва дӯсти ӯро душман набошӣ. Агар ба ин вазифаҳо амал кунӣ, фариштагон гувоҳӣ медиҳанд, ки ту барои Худо қасди ӯ кардаӣ ва дониши ӯ омӯхтаӣ на барои мардум.

**Ҳаққи донишомӯз**: ҳаққи онон ки аз ту дониш меомӯзанд он аст, ки бидонӣ Худои бузург бо донише, ки ба ту додааст, ганҷҳои онро бар ту кушода ва туро сарпарасти онон қарор дода аст. Пас, агар мардумонро нек биомӯзӣ ва бар онҳо дуруштӣ накарда хашмгин нашавӣ, Худо фазли худро бар ту афзун созад. Агар мардумро аз дониши худ боздоштӣ ё ба онон дуруштӣ кардӣ, Худо рушноии донишро аз ту мегирад ва туро дар назарҳо беқадр гардонад.

**Ҳаққи зан (ҳамсар)**: ҳаққи ҳамсари ту он аст, ки бидонӣ Худо ӯро василаи осоиш ва унси ту қарор додааст. Бояд бидонӣ, ки ин неъмати Худо бар ту аст, пас ӯро гиромӣ дор ва бо ӯ мадоро кун, агарчи ҳаққи ту бар ӯ воҷибтар аст, вале бар ту лозим аст, ки ба ӯ меҳрубон бошӣ.

**Ҳаққи модар**: он аст, ки бидонӣ туро дар ҷое ҳамл кард (шикам), ки дигаре ҳамл намекунад, аз меваи дили хеш, (хун) ба ту дод, ки дигаре намедиҳад ва туро бо ҳамаи аъзои худ нигоҳдорӣ



кард. Боке надошт, ки худ гурусна бимонаду туро сер кунад, ташна бимонаду туро сероб созад, бараҳна бимонаду туро пӯшонад, худ дар офтоб бошаду туро дар соя гузорад. Ба хотири ту бехобӣ кашид, аз сармою гармо нигаҳат дошт, то барои ӯ бимонӣ. Пас, ҷуз ба ёрии Худо ва тавфиқи ӯ тавоноии сипоси ӯро нахоҳӣ дошт.

**Ҳаққи падар**: он аст, ки бидони ӯ бунёди туст. Агар ӯ набуд ту набудӣ. Пас, ҳар гоҳ дар худ чизи писандидае дидӣ, бидон, ки падарат асли он неъмат аст. Худоро сипос гузор ва ӯро низ ба ин миқдор сипосгузор бош.

**Ҳаққи фарзанд**: он аст, ки бидонӣ ӯ аз туст ва дар неку бади дунё вобаста ба туст. Ту масъули тарбияту роҳнамоии ӯ нисбат ба Парвардигор ва кӯмак ба ӯ дар фармонбардорӣ аз дастуроти илоҳӣ ҳастӣ. Пас, дар кори ӯ монанди касе бош, ки медонад бар некӯкорӣ ба ӯ подош меёбад ва бар бадрафторӣ нисбат ба ӯ азоб мешавад.

**Ҳаққи бародар**: он аст, ки бидонӣ ӯ дасти ту, иззати ту ва қуввати туст. Ӯро силоҳе барои нофармонии Худо ва василаи ситам бар Офаридгор қарор надеҳ. Дар муқобили душман ёриаш кун, хайрхоҳаш бош ва агар дар роҳи итоате ғайри Худо қадам занад, Худоро аз ӯ бузургтару гиромитар дор.

**Ҳаққи некӯкор бар ту**: он аст, ки сипосгузораш бошӣ, некии ӯро фаромӯш макунӣ, хубии ӯро бигӯӣ ва миёни худ ва Худо

ӯро холисона дуо кунӣ, то бо ин кор дар ниҳону ошкор сипоси ӯро ба ҷой оварда бошӣ ва агар рӯзе тавоноии подоши ӯро доштӣ, ӯро подош диҳӣ.

**Ҳаққи имоми намози ҷамоат**: он аст, ки бидонӣ ӯ сафорати миёни ту ва Худои бузургро ба ӯҳда гирифта аст. Ӯ аз ҷониби ту сухан мегӯяд ва ту аз ҷониби ӯ сухан намегӯӣ, ӯ туро дуо мекунад ва ту ӯро дуо намекунӣ. Ҳар гоҳ намози ӯ нуқсе дошта бошад ба ӯҳдаи ӯст, агар тамом ва бенуқс бошад, шарики ӯ ҳастӣ ва ӯро бар ту афзалияте нест. Пас ҷони туро ба ҷони худ, намози туро ба намози худ нигоҳ доштааст. Ӯро ба ин миқдор сипосгузор бош.

**Ҳаққи ҳамнишин**: он аст, ки бо ӯ нармӣ кунӣ, дар гуфтугӯ бо ӯ инсоф диҳӣ, аз ҷои худ беиҷозаи ӯ бархезӣ, вале он кас, ки назди ту менишинад, метавонад беиҷозати ту бархезад, лағжишҳои ӯро фаромӯш кунӣ, некиҳои ӯро аз ёд набарӣ ва ҷуз хайр ба ӯ нагӯӣ.

**Ҳаққи ҳамсоя**: риояти ҳуқуқи ӯст дар набудани ӯ, гиромӣ доштани ӯ дар ҳузураш ва ёрии ӯ агар ситамдида бошад. Бояд айби ӯро маҷӯӣ, агар аз ӯ бадӣ дидӣ бипӯшонӣ, агар насиҳатпазир бошад  ӯро андарз диҳӣ, ҳангоми сахтӣ ӯро раҳо накунӣ, аз лағжиши ӯ даргузарӣ, гуноҳи ӯро бахшӣ ва бо бузургворӣ бо ӯ муошират кунӣ.



**Ҳаққи дӯст**: он аст, ки бо ӯ ба инсофу карам мусоҳибат кунӣ ва чунон ки туро гиромӣ медорад ӯро гиромӣ дор, ки дар ин кор бар ту пеш нагирад ва агар пеш гирад ӯро подош диҳӣ. Бар ӯ чунон меҳрубон бош, ки ӯ бар ту меҳрубон аст ва агар иқдом ба гуноҳе кунад, ӯро аз он боздорӣ ва бар ӯ раҳмате бошӣ на азобе.

**Ҳаққи шарик**: он аст, ки агар ғоиб бошад, кифояти ӯ кунӣ, агар ҳозир бошад риояти ӯ намоӣ. Мухолифи ӯ ҳукм накунӣ, бемашварати ӯ коре анҷом надиҳӣ, моли ӯро ҳифз кунӣ ва дар андаку бисёри он хиёнат накунӣ. То он замоне, ки ду шарик ба якдигар хиёнат накунанд, дасти Худо бо онҳост.

**Ҳаққи мол**: он аст, ки ҷуз аз ҳалол онро ба даст наоварӣ ва ҷуз дар роҳи ҳалол сарф накунӣ. Касеро, ки сипосгузори ту нест бар худ муқаддам надорӣ, дар моли худ ба итоати Парвардигор кор кунӣ, бар он бухл наварзӣ, то ҳасрату пушаймонӣ ва гуноҳони он домангират нашавад.

**Ҳаққи қарзхоҳ**: он аст, ки агар дорӣ бипардозӣ, агар надорӣ ӯро бо гуфтори нек хушнуд созӣ, ба некӯию нармӣ ҷавоб диҳӣ ва гусел намоӣ.

**Ҳаққи муошир**: ҳаққи он кас, ки бо ту муошират кунад он аст, ки ӯро фиреб надиҳӣ, бо ӯ найранг накунӣ ва дар кори ӯ аз Худо бипарҳезӣ.

**Ҳаққи душман бар ту**: ҳаққи душмане, ки бар ту даъво кунад он аст, ки агар иддаояш дуруст аст, шоҳиди ӯ бар худ бошӣ, бар ӯ ситам накунӣ ва ҳаққи ӯро диҳӣ. Агар иддаояш нодуруст аст, бо ӯ мадоро кунӣ ва ҷуз ба мадоро рафтор накунӣ ва дар кори ӯ Парвардигори худро ба хашм наёварӣ.

**Ҳаққи ту бар хасм**: ҳаққи душмане, ки ту бар ӯ даъво кунӣ он аст, ки агар дар даъвои худ рост гӯӣ бо ӯ ба некӣ сухан гӯй ва ҳаққи ӯро инкор накунӣ. Агар иддаои ту дуруст нест аз Худо бипарҳезӣ, тавба кунӣ ва даъвои худро пас бигирӣ.

**Ҳаққи касе, ки бо ту машварат мекунад**: он аст, ки агар медонӣ ӯро роҳнамоӣ кунӣ ва агар намедонӣ ӯро ба касе, ки медонад, раҳбарӣ намоӣ.

**Ҳаққи касе, ки бо ӯ машварат мекунӣ**: он аст, ки агар раъйи ӯ бо ту мувофиқ нест, ба ӯ тӯҳмат назанӣ ва агар мувофиқи туст, Худоро сипос гӯӣ.

**Ҳаққи насиҳатхоҳ**: ҳаққи он кас, ки аз ту панд хоҳад он аст, ки ӯро панд диҳӣ, бо ӯ ба меҳрубонӣ ва мадоро рафтор кунӣ.

**Ҳаққи пандгӯй**: он аст, ки бо ӯ фрӯтанӣ кунӣ, суханашро гӯш диҳӣ. Агар дуруст мегӯяд, Худоро сипос гӯӣ ва агар дуруст нагӯяд, ба ӯ меҳрубонӣ кунӣ ва ба ӯ тӯҳмат назанӣ.

**Ҳаққи калонсолон аз ту**: эҳтироми ӯст ба хотири синни ӯ, бузургдошти ӯ ба хотири пешии



вай дар Ислом. Бо ӯ бояд ситеза накунӣ, пеш аз ӯ ба роҳ наафтӣ ва пешопеши ӯ роҳ наравӣ.

**Ҳаққи хурдсолтар аз ту**: меҳрубонӣ бар ӯст ба хотир омӯзиши ӯ, бахшидани ӯ, пӯшонидани айби ӯ, мадоро бо ӯ ва кӯмак ба ӯ.

**Ҳаққи пурсанда (гадо)**: ҳаққи касе, ки аз ту чизе мехоҳад, бахшидан ба ӯст ба миқдори ниёзмандии ӯ.

**Ҳаққи бахшанда**: ҳаққи он кас, ки аз ӯ чизе хоҳӣ он аст, ки агар бидиҳад бо сипосгузорӣ аз ӯ бипазирӣ ва агар надод, узри ӯ қабул кунӣ.

**Ҳаққи шодкунандаи ту**: ҳаққи он кас, ки барои Худо туро шод созад он аст, ки нахуст Худоро шукр кунӣ ва он гоҳ ӯро сипос гӯӣ.

**Ҳаққи бадикунандае ба ту**: он аст, ки ӯро бахшӣ, вале агар медонӣ, ки бахшиш ба зиёни ӯст (ӯро ба корҳои бад ташвиқ мекунад) сазои бадии ӯро бидиҳӣ. Худо мефармояд: **“Фаманинтасара баъда зулмиҳи фаулоика мо ъалайҳим мин сабил, -** ***Агар касе пас аз дидани ситам ба интиқом бархезад, бар ӯ гуноҳе нест.***[55]

**Ҳаққи ҳамкеш**: ҳаққи аҳли дини ту он аст, ки дар дил саломат ва раҳмат барои онон бихоҳӣ. Бо бадкоронашон мадоро кунӣ, ба нармӣ барои ислоҳашон бароӣ, некӯкоронашонро сипос гӯӣ ва озоре бар эшон нарасонӣ. Он чи барои худ дӯст

---

[55] Сураи “Шӯро”, ояти 41

медорӣ барои онон дӯст низ бидорӣ, он чи намеписандӣ барои онон низ нахоҳӣ. Пиронашонро чун падар, ҷавононашонро чун бародар, пиразанонашонро чун модар ва кӯдаконашонро чун фарзанди хеш бидонӣ.

**Ҳаққи кофироне, ки дар паноҳи Ислом ҳастанд**: он аст, ки он чи Худои бузург аз онон мепазирад, бипазирӣ ва то ҳангоме ки ба аҳди худ вафо мекунанд, барояшон ситам накунӣ.

### Шаҳодат

Имоми бузургвор ҳазрати Зайнулобидин(а) бино бар қавли машҳур дар бисту панҷуми муҳаррами соли наваду панҷи ҳиҷрӣ дар панҷоҳуҳафтсолагӣ, пас аз як зиндагии саросар ранҷу мубориза, таҳаммулу таҳаввул, бо дастури ситамгари Умавӣ Валид ибни Абдулмалик ва ба воситаи Ҳишом ибни Абдулмалик заҳр дода ва шаҳид шуд.[56] Акнун оромгоҳи он бузургвор дар қабристони Бақиъ, канори қабри имоми дуюм ҳазрати Имом Ҳасани Муҷтабо(а) зиёратгоҳи шиаён ва мусулмонони ҷаҳон аст.

### Қасидаи Фараздақ дар васфи Имом (а)

Чи хеле, ки қайд карда гузаштем, шоири машҳур ва хидматгузори Аҳли Байт Фараздақ,

[56] "Маноқиб"-и Ибни Шаҳрошӯб, ҷ.3, саҳ.311



қасидае дар мадҳи Имом Саҷҷод(а) сурудааст. Инак тарҷумаи тақрибии қасидаро зикр мекунем:

1- Эй парастишгар, ки аз ман ҷойгоҳи ҷуду бузургворирӣ пурсидӣ. Посухи равшани он назди ман аст, он гоҳ, ки ҷӯяндагони он биёянд.

2- Ин касе аст, ки сарзамини Макка ҷои пояшро мешиносад. Хонаи Каъбаю ҳарами Худованд ва сарзаминҳои берун аз ҳарам низ ӯро мешиносанд.

3- Ин фарзанди беҳтарини бандагони Худост. Ин парҳезкору барканор аз олоиш ва покизаю саршинос аст.

4- Ин он касе аст, ки Паёмбари баргузида Аҳмад падари ӯст. Оне ки Худованд пайваста дуруд фиристад.

5- Агар Рукн[57] медонист чӣ касе барои бӯсидани ӯ омада аст, бетоб худро бар замин меафканд, то хоки пои ӯро бибӯсад.

6- Номи ин бузургвор Алӣ аст ва Паёмбари Худо падари ӯст, ки ба равшании ҳидояти ӯ умматҳо роҳнамоӣ мешаванд.

7- Ин касе аст, ки амакаш Ҷаъфари Тайёр ва амаки дигараш Ҳамзаи шаҳид аст. Ҳамон шермарде, ки ба дӯстии ӯ савганд мехӯранд.

[57] Маконест дар гӯшаи Каъба барои истиҷобати дуо.

8- Ин фарзанди сарвари бонувон Фотима аст, фарзанди Васии Паёмбар. Ҳамоне, ки дар шамшераш барои кофирону мушрикон марг нуҳуфта буд.

9- Ҳангоме ки қурайш ӯро мебинад эътироф мекунад, киароматҳо ба каромати ӯ поён пазируфта аст (ҳаргиз бартар аз ӯ тасаввур намешавад).

10- Ӯ вобаста ба болотарин иззате аст, ки дасти араб ва аҷам аз расидан ба он кӯтоҳ аст.

11- Эй Ҳишом! Ин кори ту, ки вонамуд мекунӣ ӯро намешиносӣ ва мепурсӣ "Ин кист?", ба шахсияти ӯ зиёне намерасонад, зеро арабу аҷам ӯро, ки ту инкор мекунӣ мешиносанд.

12- Чашм аз ҳаё худро фурӯ мехобонад ва аз ҳайбати ӯ чашмҳо фурӯ мехобанд. Касе бо ӯ наметавонад сухан гӯяд, магар он ки табасум кунад.

13- Пардаи торикӣ аз нури пешонии ӯ пора мешавад, ҳамчун офтоб, ки аз дурахшиданаш торикиҳо пароканда мегардад.

14- Чунон саховатманд аст, ки ҳаргиз ҷуз дар ташаҳҳуд "ло" нагуфта аст, агар дар мақоми шаҳодат ба ягонагии Худованд набуд, он ҷо низ "ло" намегуфт ва "оре" мегуфт.

15- Бунёди ӯ аз Расули Худо(с) аст, растангоҳаш покиза, парваришаш пок ва феъли ӯ некӯст.

16- Барандаи борҳои гарони гурӯҳҳост, гоҳе ки бар онон сангину тоқатфарсо бошад.



17- Агар чизе бигӯяд чунон аст, ки ҳама мепазиранд ва суханаш зинатбахши ӯст.

18- Агар ӯро намешиносӣ, ин фарзанди Фотима аст, ки паёмбарони Худо ба бобои ӯ поён ёфтанд.

19- Худованд ӯро аз аҳди бостон бузургу гиромӣ сохтааст ва қалами илоҳӣ бар лавҳи маҳфӯз барои ӯ чунин навиштааст.

20- Касе аст, ки фазоили анбиё дар баробари фазоили бобои ӯ кӯтоҳ аст. Ва уммати бобои ӯ низ аз умматҳои дигар бартаранд.

21- Бахшиши ӯ ҳамаи махлуқотро фаро гирифтааст. Гумроҳӣ, гуруснагӣ ва торикиҳо аз эшон пароканда шудаанд.

22- Ду дасти ӯ абри раҳмате аст, ки фоидааш ба ҳамагон мерасад. Ато мерезад ва нестӣ онҳоро дар бар намегирад.

23- Нармхӯӣ, ки тундию хушунат дар ӯ нест, ду хислати ӯро мероояд: бурдборӣ ва бузургворӣ.

24- Ҳаргиз хулфи ваъда намекунад ва вуҷудаш муборак аст. Остонаи хонааш васеъ аст.

25- Ӯ аз гурӯҳе аст, ки дӯстии онон дин ва душманиашон куфр ва наздикӣ ба онон боиси наҷот ва растагорӣ аст.

26- Ҳар фитна ва бадӣ ба муҳаббати эшон ронда мешавад ва бахшишу некӯӣ ба ӯ афзоиш меёбад.

27- Дар оғоз ва поёни ҳар сухан пас аз номи Худо номи эшон бурда мешавад.

28- Агар парҳезкорон ёд шаванд, эшон пешвоёни парҳезкоронанд. Агар пурсанд, ки беҳтарини мардуми рӯи замин киҳо ҳастанд, дар ҷавоб онҳо муаррифӣ мешаванд.

29- Ҳеҷ бахшандае пас аз бахшиши онон бахшанда шуморида намешавад ва ҳеҷ қавме агарчи кариму ҷавонмард бошанд, ба эшон намерасанд.

30- Онон чун қаҳтӣ дар паи боронҳои судманданд ва чун оташи ҷанг афрӯхта шавад, шерони бешаанд.

31- Накӯҳиш ҳаргиз дар макони онон фуруд намеояд, ахлоқе доранд бузургвор ва дастҳояшон ҳамчун борон доимо аторез аст.

32- Надоштан ҳаргиз бахшиши дастҳояшонро кам намекунад. Барои эшон фарқ намекунад, ки дошта бошанд ё надошта бошанд.

33- Кадом қабила аст, ки бар гарданаш аз гузаштагони ин бузургвор ё аз худи ӯ неъмате набошад.

34- Ҳар кас Худоро мешиносад, падарони ин бузургворро мешиносад.

Мардум дин ва ҳидоятро аз хонаи ин бузургвор ба даст овардаанд.

35- Дар миёни қурайш танҳо аз хонаҳои эшон барои рафъи гирифториҳо мадад меҷӯянд ва ба ҳангоми қазоват, агар эшон ҳукме бикунанд.



36- Ниёи ӯ Паёмбар(с) аз қурайш аст ва бобои дигари ӯ Амири мӯъминон Алӣ(а) аст, ки пас аз Паёмбар(с) имом ва нишонаи ҳидоят аст.

37- Ҷанги Бадр шоҳиди ӯст ва водии Уҳуд, ҷанги Хандақ, рӯзи фатҳи Макка ва инҳоро ҳама донистанд.

38- Хайбар ва Ҳунайн барои ӯ гувоҳӣ медиҳанд ва низ ҷанг бо Бани Қурайза дар он рӯзи сахти тоқатфарсо.

* * * *

Дар поён бо дуруди фаровон бар равони Фараздақ ин ёдовариро шоиста медонем, ки агарчи ин қасидаро бисёр шево ва ҳамроҳ бо фидокорӣ дар вазъияти ҳассосе сурудааст, ба ҳақ бояд гуфт, ки бо ин кор ҷиҳоди бузург кард ва хатари азимро бар хештан харид ва мардона аз ҳаққу ҳақиқат дифоъ намуд. Он чи гуфта шуд танҳо гӯшае аз фазилатҳои Имом Зайнулобидин (а) ва хонадони гиромии ӯст. Маълум аст, ки осмонро наметавон бо қадам паймуд ва дарёро бо ҷом натавон паймона кард. Пас, он чи Фараздақ фармудааст, муштест аз хирворҳо, балки донае аст аз анборҳо...

***Поён.***

## Мундарича


Сарсухан ........ 5
Валодат ........ 9
Хусусиятҳои ахлоқӣ ........ 9
Азамати Имом Саҷҷод (а) ........ 13
Имом мусулмононро бедор мекунад ........ 15
Дар Шом ........ 18
Имом дар масҷиди Шом ........ 22
Имоми бемор ........ 26
Имоми чаҳорум бо ҳокимони асри худ ........ 28
Имом ва таълиму тарбияти мусулмонон ........ 34
Саҳифаи Саҷҷодия ........ 39
Рисолаи ҳуқуқ ........ 50
Шаҳодат ........ 59
Қасидаи Фараздақ дар васфи Имом (а) ........ 59